# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳасанзода Хуршед Раҷаб дар мавзуи «Хусусиятҳои психологию педагогии омӯзиши кӯдакони дорои нуқсони нутқӣ дошта дар муассисаҳои таълимии томактабӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010500 Нуқсоншиносӣ (Дефектология) (6D010501 - Педагогикаи махсус)**

Давраи томактабӣ давраи хеле муҳим дар ташаккулёбии шахсияти инсон аст. Ин давра дар илми равоншиносӣ бо номи давраи сензитивии инкишоф, яъне давраи мувофиқ барои аз худ намудан ва инкишофёбӣ дониста шудааст. Маҳз дар ин давра, имконияти ислоҳ ва маҳдуд намудани ноқисиҳои инкишофи ақлию ҷисмонӣ вуҷуд доранд, ки мушкилоти рушди кӯдак вобаста ба синну сол бартараф хоҳад шуд.

Унвонҷӯ Ҳасанзода Хуршед Раҷаб дар кори таҳқиқотии худ ба яке аз масъалаҳои мубрам таваҷҷуҳ намуда, ба ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабиро дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон пажӯҳиш намудааст.

Ҳасанзода Хуршед Раҷаб дар мавзуи «Хусусиятҳои психологию педагогии омӯзиши кӯдакони дорои нуқсони нутқӣ дошта дар муассисаҳои таълимии томактабӣ», кори таҳқиқотӣ гузаронида, масъалаи мазкурро ба таври муфассал таҳқиқ намудааст. Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса, натиҷаҳо, тавсияҳо, руйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад.

Аҳамияти илмии мавзуи таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки масъалаи кӯдакони синни томактабии нуқсони нутқдошта аз ҷиҳати равонӣ ва педагогӣ ошкор ва аниқ гардида, аҳамияти он дар муҳити таълимии муассисаҳои томактабӣ нишон дода шудааст. Шароитҳои педагогии таҳқиқу омӯзиши кӯдакони нуқсони нутқдошта дар замони муосир оварда шуда, робитаи психологӣ-педагогии муносибати комплексӣ ҷиҳати бартарафсозии нуқсонҳои нутқӣ дар кӯдакон татбиқ гардидааст. Низоми метод ва равишҳои педагогӣ-равонӣ ҷиҳати бартарафсозии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ дар раванди таълим ва корҳои инфиродӣ таҳия ва ҷорӣ карда шуданд.

Муассисаҳои томактабӣ ҳамчун зинаи аввали таҳсилот бо истифода аз усулҳои муосири таълим дар рушду инкишофи соҳаи номбурда ва баландравии сатҳи корҳои таълиму тарбиявӣ ва ислоҳи нуқсонҳои нутқи кӯдакон тақвият мебахшад. Барои ҳамқадами замон

баробар гардидан гузариш аз ин зинаи таҳсилот ва таъмини заминаҳои моддӣ ва техникии муассисаҳои томактабӣ муҳим арзёбӣ карда шудааст. Ҷустуҷӯйи роҳҳои бартарафсозии ихтилофҳои номбурдаи муҳаққиқ масъалаи асосии таҳқиқотро ба миён овард. Муайян намудани омилҳо ва имкониятҳои иҷтимоию педагогӣ ва роҳу усулҳоиислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ дар баланд бардоштани сифати таҳсилоти кӯдакон дар муассисаҳои томактабии Тоҷикистон масъалаи муҳими соҳа махсуб меёбад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи диссертатсионӣ асоснок гардида, масъалаи асосии таҳқиқот, асоснокии методологию назариявии таҳқиқот, объект, предмет, мақсад, вазифаҳо ва фарзияҳои кори таҳқиқотӣ таъкид гардида, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор муайян карда шудааст, маълумот дар бораи санҷидани дурустии натиҷаҳои таҳқиқот оварда шуда, муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшаванда баррасӣ гардидааст.

Дар боби аввал «Таҳқиқи психологӣ-педагогии нуқсонҳои нутқи кӯдакони синну соли томактабӣ» масъалаҳои таҳлили психологӣ-педагогии нуқсонҳои нутқи кӯдакон дар адабиёти педагогӣ-психологӣ, нутқ ва аҳамияти он, сабабҳои ба вуҷуд омадани нуқсонҳои нутқӣ дар кӯдакони синни томактабӣ, роҳу усулҳои баргузории корҳои ислоҳнамоӣ бо кӯдакони синни томактабӣ баррасӣ мегардад.

Қайд мегардад, ки дар ҳаёти инсон нутқ басо муҳим буда, яке аз омилҳои пурқуввати рушди кӯдак ба ҳисоб меравад. Тавассути нутқ одамон бо якдигар фикри худро мефаҳмонанд ва ба якдигар таҷрибаи ҳаётии худро баррасӣ менамоянд.

Дар боби дувум «Шароитҳои педагогии баргузории корҳои логопедӣ бо кӯдакони синни томактабӣ» андешаҳои муаллиф доир ба тавсифи корҳои логопедӣ бо кӯдакони синни томактабӣ оид ба бартараф намудани нуқсонҳои нутқӣ дар шароити таҳсилоти фарогир, воситаҳои педагогии ташаккули ҷанбаҳои фонетикӣ ва лексикӣ-грамматикии нутқи кӯдакон дар шароити муассисаҳои таълимии томактабӣ баён гардидааст.

Дар боби сеюм «Таҳқиқи хусусиятҳои батарафсозии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабдар муҳити таҳсилоти фарогир» масъалаҳои хусусиятҳои баргузории корҳои логопедӣ дар озмоиши муқарраркунанда ва таҳлили натиҷаҳои он ва заминаҳои психологию педагогии ташкили озмоиши таҷрибавӣ дар муҳити таҳсилоти фарогир мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст.

Хулоса, муҳаққиқ мавзуи интихобнамудаашро хуб таҳлилу баррасӣ намуда, муҳиммӣ ва арзишмандии кори илмиро нишон додааст. Мавзуи кори таҳқиқотии Ҳасанзода Хуршед Раҷаб дар мавзуи «Хусусиятҳои психологию педагогии омӯзиши кӯдакони дорои нуқсони нутқӣ дошта дар муассисаҳои таълимии томактабӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010500 Нуқсоншиносӣ (Дефектология) (6D010501 - Педагогикаи махсус) бори аввал дар Тоҷикистон мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор гирифтааст, яъне масъалаи мазкур дар фаъолияти таълиму тарбиявии кормандони соҳаи омӯзгории зинаи таҳсилоти томактабӣ дар педагогикаи тоҷик махсус мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор нагирифта, муҳаққиқ хусусиятҳои психологию педагогии омӯзиши кӯдакони дорои нуқсони нутқидоштаро дар муассисаҳои таълимии томактабӣ нишон додааст.

Муқарриз: номзади илмҳои педагогӣ,
омӯзгори калони кафедраи методикаи
таълими фан дар муассисаҳои томактабӣ,
ибтидоӣ ва миёнаи умумии филиали
“Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос
ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф”
дар шаҳри Душанбе Қурбонова Г.А.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи М.Турсунзода 8а.
Тел: 915.27.22.21 E-mail: kurbonova-73@mail.ru

13.05.2026

Имзои Қурбонова Г.А.-ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва котиботи
филиали “Донишкадаи ҷумҳуриявии
такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи
маориф” дар шаҳри Душанбе Валиева Т.